КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

аз "17" марти соли 2020 № 77 ш. Душанбе

Дар бораи қабули диссертатсияҳо
оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии
номзади илм ва доктори илм

Мутобиқи банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва бандҳои 28, 29, 163 ва 164 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти қабул ва баррасии диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ; 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ; иқтисодиёти саноат, иқтисодиёти меҳнат, иқтисодиёти истифодаи табиат, менеҷмент; 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз; 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқи замимаи фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.
2. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур зиммаи Комилиён Ф.С. гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2020, протоколи № 3.

Раис А.Розиқзода